Протоколи №4-и
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-118- и
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

аз 17-уми октябри соли 2026 ш. Душанбе

Дар ҷаласа иштирок доштанд: аз 11 нафар аъзои шуро 9 нафар, 5 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда

Раиси шуро: Аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми феврали 2026, №53/шд тасдиқгардида, 9 нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб мераванд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Тарафдор? Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Асомиддинзода Шарофиддин дар мавзуи **«Шакл, муҳтаво, мавзуъ ва хусусиятҳои бадеии ашъори Воқифи Лоҳурӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ.

ШУНИДА ШУД:

Раиси комиссияи экспертӣ – Исрофилниё Шарифмурод Раҳимзода ва узви комиссияи экспертӣ – Ғаффорзода Шоҳрух Ҳабибулло оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Асомиддинзода Шарофиддин дар мавзуи **«Шакл, муҳтаво, мавзуъ ва хусусиятҳои бадеии ашъори Воқифи Лоҳурӣ»** ибрози андеша намуда, таъкид намуданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст. (Хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Асомиддинзода Шарофиддин дар мавзуи **«Шакл, муҳтаво, мавзуъ ва хусусиятҳои бадеии ашъори Воқифи Лоҳурӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ пешниҳод шудааст, шунида, баррасӣ карда,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Асомиддинзода Шарофиддин дар мавзуи «Шакл, муҳтаво, мавзуъ ва хусусиятҳои бадеии ашъори Воқифи Лоҳурӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) ба ҳимоя қабул карда шавад;

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– Суфизода Шодимуҳаммад Зикриёпур - доктори илми филология, директори Китобхонаи марказии илмии ба номи Индира Гандии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;

– Нурзод Нуралӣ Нор - доктори илми филология, профессор, директори институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои ҷомеашиносии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров";

–Асозода Ҳотам Рачаб, доктори илми филология, профессор, директори генералии Муассисаи давлатии "Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб".

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Муассисаи давлатии таълимии "**Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**" пешниҳод мешавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад;

6. Таърихи баргузории ҳимоя 04.12.2026, соати 13:00 муқаррар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 9 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. Якдилона қонибдорӣ гардид.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Олимӣ Х.Ҳ.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Боев Ш.Э.